**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо қарори Шӯрои олимони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз «_____» ___________ соли 2022,
протоколи № ____ тасдиқ карда шудааст.
Раиси Шӯрои олимони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

_________________ Хушвахтзода Қ.Х.

# НИЗОМНОМАИ
## ШӮРОИ ОЛИМОНИ ҶАВОНИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе – 2022

**НИЗОМНОМАИ**
ШӮРОИ ОЛИМОНИ ҶАВОНИ
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Низомнома дар бораи Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии Шӯрои олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шӯрои олимони ҷавони (минбаъд Шӯро) Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд ДМТ) созмони ҷамъиятии илмӣ буда, аз намояндагии зерсохторҳои гуногуни ДМТ ташаккул меёбад. Шӯро фаъолияти худро ҳамчун иттиҳоди ҷамъиятӣ бо фармоиши ректори донишгоҳ дар назди Раёсати илми донишгоҳ ба роҳ мемонад.

1.3. Номи пурраи расмии Шӯро – *Шӯрои олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* мебошад. Шакли мухтасари он ШОҶ ДМТ мебошад ва Низомномаи мазкур ҳангоми истифодабарӣ дар ҳуҷҷатҳои расмӣ дар баробари шакли пурраaш ҳолати ҳуқуқиро медиҳад.

1.4. Фаъолияти Шӯро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ мондашуда, ба ҳайати он дохил мешавад: ***устодон***, ***кормандони илмӣ***, ***докторантон (PhD) аз рӯй ихтисос***, ки синнашон то 35–сола (синнӣ 35 пурра дохил мешавад) аст, инчунин ***магистрантоне***, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд.

1.5. Дар Низомнома мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– ***олими ҷавон*** – шахси дорои маълумоти олии синну солаш то 35, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаҳои гуногуни илм машғул аст;

– ***Шӯро*** – созмони ҷамъиятии илмии олимони ҷавони ДМТ буда, баҳри такмил ва рушду инкишофи илм, ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи муҳимми илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқии олимони ҷавон фаъолият мекунад;

– ***аъзо(ён)–и раёсати Шӯро*** – намояндаи раиси Шӯро дар зерсохторҳои гуногуни ДМТ мебошад, ки барои пешбурди фаъолияти босамари Шӯро интихоб шуда, корҳои ташкилотию иттилоотӣ ва коммуникативӣ (робита)–ро ба роҳ мемонад.

## II. МАҚСАД ВА ВАЗИФАИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРО

2.1. Мақсади асосии фаълияти Шӯро аз инҳо иборатанд:

– фаъолгардонӣ ва инкишофи сатҳи касбияту зарфияти илмии олимони ҷавон;

– муттаҳид намудани олимони ҷавони зерсохторҳои гуногуни ДМТ баҳри рушду пешрафти илм ва ҳамкорҳо дар самтҳои гуногун;

– мутаҳид намудани неруи эҷодии олимони ҷавон баҳри коркарди мушкилоти мубрами илмии ҷойдошта ва ҳалли масъалаҳои илмии афзалиятнок.

2.2. Вазифаи асосии фаъолияти Шӯро аз афзоиш додани фаъолияти илмии олимони ҷавони ДМТ ва инчунин мусоидат намудан ба шароити кори илмию ташкилотии олими ҷавон дар доираи имконот, иборат мебошад.

2.3. Барои расидан ба мақсадҳои зикргардида Шӯро фаъолиятҳои зеринро бояд ба анҷом расонад:

– баргузор намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо иштироки олимони ҷавон тавассути вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳо ва симпозиумҳои илмӣ;

– таъмини иштироки олимони ҷавон дар лоиҳаҳои тадқиқотӣ, грантҳо, озмунҳо, семинарҳо, барномаҳо ва таҷрибаомӯзиҳо;

– барқарор ва васеъ намудани алоқа бо Шӯрои олимони ҷавони дигар муассисаҳои илмию таълимии дохил ва хориҷи кишвар;

– коркард ва амалӣ намудани чорабиниҳои илмӣ баҳри беҳтар гардонидани фаъолияти илмии олимони ҷавони донишгоҳ.

– ташкили тадқиқотҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ бо мақсади муайян кардани мушкилоти олимони ҷавон ва ёфтани роҳҳои ҳалли имконпазири онҳо;

– таъсиси манбаи маълумоти иттилоотӣ оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотии олимони ҷавон;

– додани иттилоот ба олимони ҷавон оид ба барномаҳои илмӣ, фондҳо, лоиҳаҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳое, ки дар марказҳои илмии дохил ва хориҷи кишвар баргузор мегарданд;

– ташкил намудани ҷамъомад, семинар ва мизҳои мудаввари олимони ҷавон оид ба масъалаҳои гуногуни илмӣ ва инчунин, ташкили маҳфилҳои илмию эҷодии олимони ҷавони ДМТ;

– ҷалби олимони ҷавон дар корҳои озмунӣ ва ихтироъкорӣ дар сатҳои гуногун;

– ташкил намудани маҳфилҳои илмию истеҳсолии олимони ҷавон баҳри татбиқи натиҷаи корҳои илмии худ дар истеҳсолот;

– мусоидат ба корҳои илмӣ-тадқиқотии олимони ҷавон баҳри беҳтар намудани маҳсулнокии кори онҳо ва баланд бардоштани рейтинги нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои бонуфузи хориҷӣ;

– ба ҷоизаҳои гуногун пешниҳод намудани олимони ҷавон;

– кумак ба олимони ҷавон баҳри гузаронидани тадқиқотҳои муштарак ва байнифаннӣ;

– гузаронидани озмунҳои гуногун бо мақсади баланд бардоштани рейтинги фаъолияти илмии олимони ҷавон;

– коркард, ташкил ва азнавнамоии саҳифаи махсус дар сайти донишгоҳ бо мақсади таъмин намудани алоқа ва ҳамкорӣ байни олимони ҷавони донишгоҳ бо олимони ҷавони дигар марказҳои илмӣ.

– ба роҳ мондани алоқаи олимони ҷавон бо дигар донишгоҳҳои кишварҳои рушдкарда баҳри такмили ихтисос, аз худ намудани дастовардҳои илми муосир ва татбиқи онҳо дар амал;

– таҳия ва ба Шӯрои олимони ДМТ пешниҳод намудани барнома ва лоиҳаҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани шароити зисту зиндагӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии олимони ҷавон;

– иҷро намудани дигар навъи фаъолияте, ки ба манфиати Шӯро буда, ба

қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур мухолифат намекунад.

## III. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРӢ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРО

3.1. Аъзоёни Шӯро чунин ҳуқуқҳоро доранд:

– иштироки фаъол намудан дар корҳои идоракунӣ ва гирифтани маълумот аз фаъолияти кори Шӯро;

– гузоштани пешниҳод дар рузномаи *ҷаласаи умумии Шӯро* ва баррасӣ намудани онҳо;

– муроҷиат намудан ба роҳбарияти муассиси Шӯро вобаста ба дилхоҳ масъалаҳое, ки ба фаъолияти он рабт дорад;

– истифода намудан аз асосҳои модию техникӣ ва маводи методию барномаҳои илмии зерсохторҳои гуногуни ДМТ дар доираи ҳамкориҳо.

3.2. Аъзоёни Шӯро чунин ӯҳдадориҳоро доранд:

– риоя намудани талаботи Низомномаи мазкур ва иштироки фаъол дар фаъолияти кори Шӯро;

– мушаххас пешниҳод намудани маълумоти зарурие, ки барои ҳали масъалаҳои муҳими фаъолияти кори Шӯро лозиманд;

– таблиғ намудани ғояҳои миллии давлатдорӣ, худшиносӣ ва ватандустӣ дар байни олимони ҷавони ДМТ ва дигар кишрҳои ҷомеаи ватанӣ ва хориҷӣ;

– тарғибу ташвиқи илму дониш, навгонию дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва дигар мавзӯъҳои илмӣ миёни хонандагону донишҷӯён ва ҷавонони ба корҳои илмӣ бандбуда;

– гузаронидани конференсияҳои илмии олимони ҷавон ва ҳамзамон ба табъ расонидани натиҷаи корҳои илмии онҳо;

– ҳимоя намудани манфиатҳои аъзоёни Шӯро ва эҳтироми онҳо дар ҳама ҳолатҳо.

## IV. СОХТОР, ҲАЙАТ ВА АЪЗОГӢ ДАР ШӮРО

4.1 Шӯро дар ҳайати олимони ҷавони синнашон то 35-сола ташкил карда мешавад, ки онҳо дар соҳаҳои гуногуни илм ба омӯзиш, тадқиқот ва таълим машғул буда, кормандони асосии (штатӣ) зерсохторҳои гуногуни ДМТ мебошанд ва ё ба ҳайси **унвонҷӯ, доктор (PhD) аз рӯйи ихтисос ва магистр** таҳсил менамоянд ё корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебаранд.

4.2. Ба ҳайати аъзоёни раёсати Шӯро (ба истисноҳ Раис) як нафарӣ аз зерсохторҳои гуногуни ДМТ (Институти илмӣ-тадқиқотӣ, факултетҳо, Литсейи табиӣ-риёзӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ) шомиланд, ки аз тарафи роҳбарият ва олимони ҷавони худи ҳамон зерсохтор пешниҳод гардидаанд, то манфиатҳои онҳоро ифода карда тавонанд.

4.3. Ҳайати аъзоёни раёсати Шӯро дар ҷаласаи умумии олимони ҷавони ДМТ бо роҳи овоздиҳӣ ба муҳлати 2 сол, бо хуқуқи азнавинтихобкунӣ тасдиқ мегарданд.

4.4. Шумораи аъзоёни раёсати Шӯро набояд аз 19 нафар кам ва аз 26 нафар зиёд бошанд.

4.5. Раиси Шӯро дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДМТ бо роҳи овоздиҳӣ ва гирифтани овози бештар интихоб ва тасдиқ мегардад.

4.6. Раиси Шӯро бояд дорои дараҷаи илмӣ буда, ба муддати на камтар аз

се сол дар ДМТ фаъолият карда бошад.

4.7. Раиси Шӯро ба муддати 2 сол бо ҳуқуқи азнавинтихобкунӣ (на бештар аз ду маротиба пай дар пай) интихоб карда мешавад.

4.8. Дар ҳолати пешниҳод намудани номзадӣ ба раисии Шӯро аз тарафи номзад бояд барномаи 2-солаи кории Шӯро пешниҳод карда шавад.

4.9. Ҳайати аъзоёни раёсати Шӯро бо қарори муовини Ректори ДМТ оид ба илм ва инноватсия ба муҳлати 2 сол тасдиқ мегардад.

## V.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ КОРИ ШӮРО

5.1. Шӯро дар асоси нақшаи кории яксола, ки дар ҷаласаи *умумии олимони ҷавон* баррасӣ, муҳокима ва қабул гардида, аз ҷониби муовини ректор оид ба илм тасдиқ карда мешавад, фаъолият менамояд.

5.2. Ҷаласаи умумии олимони ҷавон на камтар аз 3 маротиба дар як сол барои баррасӣ, муҳокима ва қабул намудани самтҳои асосии фаъолият, нақшаи корӣ, инчунин муҳокимаи ҷамъбасти фаъолияти Шӯро, азнавинтихобкунии раис ва аъзоёни раёсати Шӯро баргузор мегардад. Ҷаласаи Шӯро салоҳиятдор шуморида мешавад, агар дар он на камтар аз 50 %-и олимони ҷавон ё аъзоёни раёсати Шӯро иштирок намоянд.

5.3. Банақшагирӣ, ташкил ва мувофиқгардонии фаъолияти Шӯро аз тарафи аъзои раёсати Шӯро ба роҳ монда мешавад.

5.4. Аъзоёни раёсати Шӯро фаъолияти илмии олимони ҷавони зерсохторҳоро назорат намуда, алоқаи байни олимони ҷавонро мустаҳкам мегардонанд ва ҳамасола оид ба корҳои иҷронамудаашон дар назди роҳбарияти худи ҳар як зерсохтор ҳисобот медиҳанд, ки натиҷаи корашон ба таври қаноатбахш ё ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ мегардад.

5.5. Дар ҳолати қонеъ нагаштани талаботи ҳар як зерсохтор, ё ин ки ғайриқаноатбахш будани ҳисоботи аъзо, роҳбарияти он ҳуқуқ дорад, ки аъзои пешниҳоднамудаашро бозхонд карда, аъзои нави дигарро ба раёсати Шӯро пешбарӣ намояд.

5.6. Аъзоёни раёсати Шӯро нақша ва самти фаъолияти худро бо муовинони зерсохторҳо оид ба илм мувофиқа ва ҳамоҳанг менамоянд.

5.7. Мақомоти олии идоракунии Шӯро ҷаласаи раёсати Шӯро мебошад. Ҷаласаи раёсати Шӯро раиси Шӯроро интихоб ва барои тасдиқ ба Шӯрои олимони ДМТ пешниҳод менамояд.

5.8. Фаъолияти раёсати Шӯро ва аъзоёни онро дар маҷмӯъ раиси Шӯро ба роҳ мемонад.

5.9. Фаъолияти Шӯрои олимони ҷавони ДМТ –ро муовини ректор оид ба илм ва инноватсия назорат мекунад.

5.10. Шӯрои олимони ҷавони ДМТ фаъолияти Шӯроҳои олимони ҷавони зерсозторҳоро таҳти роҳбарии худ қарор медиҳад.

5.11. Раис ва аъзоёни раёсати Шӯро ҳуқуқ доранд, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони ДМТ ва зерсохторҳо мувофиқан дар мувофиқа бо Ректор ё роҳбарони ҳар як зерсохтор иштирок намоянд.

5.12. Фаъолияти раиси Шӯро дар ҷаласаи умумии солонаи Шӯрои олимони ҷавони ДМТ аз рӯйи ҳисоботи кории он баҳогузорӣ гардида, чунин қарор қабул карда мешавад: *ҳисоботи раиси Шӯро қаноатбахш ҳисобида шавад; ҳисоботи раиси Шӯро ғайриқаноатбахш ҳисобида шавад.* Дар сурати

ғайриқаноатбахш шумоeридани ҳисобот, раиси Шӯрои нав интихоб мегардад.

## VI. ТАСДИҚИ НИЗОМНОМА ВА ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲОИ ОН

Низомнома ва тағйироту иловаҳои он дар Шӯрои олимони ДМТ тасдиқ гардида, ба қайд гирифта мешавад.

## VII. ТАРТИБИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРО

6.1. Фаъолияти Шӯро бо қарори Шӯрои олимони ДМТ дар ҳолати ғайриқаноатбахш будани фаъолияти он ё риоя накардани Қонгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ ва Низомномаи мазкур қатъ карда мешавад.

Бо қарори Шӯрои олимони ДМТ Низомнома таҳти

№______ аз «___» _________ соли 2022 қабул карда шудааст.

Мувофиқа карда шудааст:

Муовини ректор оид ба
илм ва инноватсияи ДМТ Сафармамадзода С.М.

Мудири шуъбаи таъминоти
ҳуқуқии ДМТ Муминзода Н.И.